**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи “Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” – 2000-2015) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Мавзӯи диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои миҳим – муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст. Диссертант дар автореферат таъкид мекунад, ки муҳоҷират таърихи қадима дорад ва он пайваста “ҳамсафари зиндагии инсонҳо” мебошад. Воқеан, масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва инъикоси он дар матбуоти даврии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқ ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, мавзӯи “Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои “Ҷумҳурият” ва “Озодагон” – 2000-2015) навиштани рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна боиси дастгирист.

Тавре аз таҳқиқоти мавриди назар бармеояд, ҷанбаи назарии рисола тасаввуротро дар бораи таъсири матбуоти даврӣ дар мисоли нашрияҳои даврии «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» ба фаъолияти арзишёбиву маънавии аҳолӣ, аз ҷумла, нисбат ба гурӯҳҳо ва ҳодисаҳои иҷтимоӣ пурра сохта, таассуротро доир ба ҷараёни шаклгирии чеҳраи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ тавсеа мебахшад. Таҳқиқ ба дарки раванди ба вуҷуд овардани нуфузи «муҳоҷири меҳнатӣ» дар ВАО мусоидат карда, моҳияти таъсири онро ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ равшан месозад.

Ҳамзамон, зимни таҳқиқ дар автореферат диссертант таъкид намудааст, ҳангоми пажӯҳиш, пеш аз ҳама, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ВАО, аз ҷумла, нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» ва таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии ин масъала ба миён гузошта шуда, дар ин равиш заминаҳои таърихӣ ва омилҳои иҷтимоии пайдоиш ва тавсеаи ин раванд, ҳамчунин, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва мушкилоти он мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Автореферат муҳтавои рисоларо ифода мекунад.

Боби аввали диссертатсия “Баъзе ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ” ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал - “Омилҳои

ичтимоии пайдоиши муҳоҷират” заминаҳои таърихӣ ва омилҳои сиёсиву ичтимоии пайдоиши муҳоҷират таҳқиқу таҳлил ва моҳияти ин раванд муайян карда шудааст. Дар фасли мазкур диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки омилҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон ба дигар минтақаҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, ҷанги шаҳрвандӣ, бухрони иқтисодӣ, фурӯпошии сохтори иқтисодии кишвар, хусусигардонӣ, афзоиши бекорӣ, зиёдшавии шумораи аҳолӣ, афзудани талаботи моддӣ ва маънавии мардум ва ғайра мебошад, инчунин, ин ҳодисаи иҷтимоӣ паҳлуҳои мусбат ва манфӣ дошта, нуфузи Тоҷикистон ва муҳоҷирони меҳнатиро низ бозгӯ мекунад.

Дар фасли дуюми боби якум, ки “Ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими муҳоҷират” номгузорӣ шудааст, паҳлуҳои ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин қисмати пажӯҳиш дар асоси таҳлили қиёсӣ исбот кардааст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ барои бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон, дар солҳои навадуми асри гузашта, ҳодисаи ғайричашмдошт ва танзимнашуда буд. Ҳамзамон, ба хулосае расидааст, ки сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва танзими он аз ибтидо бо ҳадафи некуаҳволии муҳоҷирони меҳнатӣ, тараққӣ додани мамлакат ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ амалӣ гардидааст.

Дар боби дуюми рисола, ки «Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» номгузорӣ шудааст, инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла, вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷирон дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» таҳлилу арзёбӣ шудааст. Дар фасли аввали ин боб «Доираи мавзӯъҳои муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон дар нашрияи «Ҷумҳурият» равиши фарогирӣ ва инъикоси воқеаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар ин нашрия» таҳлил ва баррасӣ шудааст. Таъкид шудааст, ки нашрияи «Ҷумҳурият» дар инъикоси мавзӯъҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, пеш аз ҳама, ба қонунҳо ва усулҳои касбии рӯзноманигорӣ такя мекунад. Ҳамзамон, зикр шудааст, ки қисми бештари маводе, ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» оид ба мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ чоп шудааст, асосан, мавзӯъҳои меъёриву ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатиро матраҳ кардааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур «Инъикоси мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон дар ҳафтаномаи «Озодагон» мавзӯъ ва масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва тарзи инъикоси он дар ҳафтаномаи «Озодагон» мавриди

таҳлил қарор гирифтааст. Диссертант зикр мекунад, ки ҳафтаномаи «Озодагон» замоне таъсис ёфт, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва мушкилоти он барои тоҷикон аллакай гиребонгир шуда, дар баробари таъсири мусбат ба раванди зиндагии мардум, ҳамчунин, фоҷеаҳое низ ба дунбол дошт. Таҳқиқи дар ин фасл анҷомгирифта нишон дод, ки «Озодагон» бештар мушкилоти асосии ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии тоҷиконро дар Россия холисона инъикос намуда, дар асоси санадҳои воқеӣ суду зиёни ин равандро ба ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муайян намудааст.

Боби сеюм–"Тарз ва василаҳои инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ" низ дорои ду фасл буда, дар он масъалаҳои тарзи таҳия, усулҳои интихоби жанрҳо ва корбасти онҳо таҳқиқу таҳлил шудааст. Дар фасли якуми ин боб – «Инъикоси воқеияти марбут ба муҳоҷират дар қолаби жанрҳои ахборӣ» усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар инъикос ва таҳияи воқеиятҳои раванди муҳоҷират ва вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ таҳқиқу баррасӣ шуда, хусусияти сохтории жанрҳои ахборӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» мушаххас шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки дар инъикоси воқеаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳо таносуби комили мундариҷаю шакл ва аломатҳои жанрсоз, аз ҷумла, вусъатнокии инъикоси воқеаҳои ҷараёни муҳоҷират, дараҷа ва миқёси хулосабарориву умумиятдиҳиҳо, корбасти воситаҳои услубӣ (услуби иттилоотӣ, тавсифи образноки воқеият, ҳаҷв, таъриз ва ғайра) ба таври боварибахш риоят шудааст. Аз таҳлил ва муқоисаи маводи ин ду нашрия бармеояд, ки усули инъикоси воқеаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ҳадафҳо ва хусусиятҳои мушаххаси жанриро муайян мекунад, ки аз иттилои факт, тағйирдиҳии санад ва ҳодиса, бо афкори публитсистӣ ошкор сохтани моҳияти санад ва ҳодиса иборат мебошад. Ҳамчунин, дар фасли дуюми боби сеюм «Нақши жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси воқеиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ» хусусиятҳои жанрии маводи таҳлилии нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертант хулоса ва натиҷагириҳоро аз инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон дар заминаи маводи нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон" дар ҳафт банд ҷамъбаст намудааст, ки муҳтавои авторефератро бозгӯ мекунанд.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

–

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоию граматикӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

2. Дар автореферат услуби ягона риоя нашудааст. Масалан, дар баъзе ҷой сухан аз номи дисссертант ва дар баъзе мавқеъ аз номи шахси сеюм меравад.

Камбудиҳои баёншуда арзиши илмии авторефератро кам намекунанд ва автореферати рисолаи илмии **Сайфиддинова Гулчехра Азимовна дар мавзӯи "Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон (дар заминаи маводи нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон" – 2000-2015)** бо муҳимият, навгониҳои илмӣ, тарзи таҳқиқ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Сардори Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ Э. Сафарзода

Индекс:734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13а.
Тел.: (992) 946-40-40-40
E-mail: Ehson.89@mail.ru

Имзои Эҳсон Сафарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Расулзода.

22.12.2020